**Тақриз**

**ба автореферати Бобоева Гулбаҳор Шарифовна дар мавзӯи “Технологияи ташаккули салоҳияти иттилоотии донишҷӯёни макотиби олӣ зимни таълими силсилаи фанҳои педагогӣ дар шароити татбиқи низомӣ кредитии таҳсилот” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).**

Бояд зикр кард, ки муҳаққиқ Бобоева Г.Ш. масъалаи рӯзмарраи илми педагогика, технологияи ташаккул ва рушди салоҳиятҳои касбӣ, аз ҷумла салоҳияти иттлоттии омӯзгорони ояндаро зимни таълими силсилаи фанҳои педагогӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Муаллиф дар асоси таҳлил, таҳқиқ ва баррасии маводи мавҷудаи илмӣ, педагогӣ, психологӣ ва таҷрибаи пешқадам фикру андешаҳои худро иброз доштааст. Нишондодҳои таҳқиқот, мушоҳидаҳо мувофиқи мақсад, вазифаҳо ва фарзияву қазияҳои пешниҳодшуда арзёбӣ гардидааст, ки онҳо ба нақшаи кории рисола мувофиқат мекунанд.

Муҳиммияти мавзӯи таҳқиқотии Бобоева Г.Ш. ба он собит мегардад, ки татбиқи натиҷаҳои он ба баланд бардоштани маҳорати методии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ бо назардошти истифодаи муносибати босалоҳият ва корбасти методу усулҳои коркарди иттилооти таълимӣ, ки имрӯзҳо таваҷҷуҳи аксари олимонро ба худ ҷалб кардааст, равона карда шудаанд.

Таҷдиди низоми омодасозии омӯзгорон, пеш аз ҳама, ба такмили мундариҷа ва шаклҳои омодагии омӯзгорони оянда мувофиқгардонии онҳо ба амалияи ҷаҳонӣ, махсусан ташаккули салоҳияти иттилоотӣ тааллуқ дорад, ки дар маҳорати сарфаҳм рафтан ба иттилооти гуногуншакл, коркарди он дар алоқамандӣ ба фаъолияти минбаъда таҷассум ёфтааст.

Ба ин мақсад мундариҷа, шаклҳои омодасозии омӯзгорони оянда ба фаъолияти минбаъда мавриди таҷдиди назар қарор гирифта, дар низоми таҳсилоти олии касбӣ, хусусан роҳандозӣ кардани муносибати босалоҳият ислоҳоти ҷиддӣ амалӣ мешавад.

Маълум аст, ки раванди омодагии касбӣ вазифаи муҳим ҳалли масоили муайян намудани мафҳум, мундариҷа ва технологияи ташаккули салоҳияти касбӣ ба шумор меравад. Дар ин бора хулосаҳои муҳаққиқ арзиши назариявӣ ва илмӣ дорад, ки муҳтавояшро чунин баён кардааст.

Ғояи муносибати босалоҳият яке аз роҳҳои имконпазири таъмини сифати таҳсилот буда, аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудани технологияи ташаккули салоҳияти иттилоотӣ ба ташкили самараноки раванди педагогӣ дар муассисаҳои олии касбӣ мусоидат мекунанд.

Ҳамаи гуфтаҳои боло мубрамияти мавзӯи диссертатсионии интихобшударо асоснок карда, арзиши назариявӣ ва моҳияти амалии онро тасдиқ менамоянд. Мо метавонем арзишмандии рисолаи таҳқиқоти мазкурро ба таври зайл арзёбӣ намоем:

Муҳаққиқ мақсад, объект, предмет ва фарзияи таҳқиқотро дуруст муайян намуда, дар асоси онҳо вазифаҳои мушаххас пешниҳод кардааст.

Навоварии илмии кори таҳқиқотии муҳаққиқ дар он ифода меёбад, ки доир ба масъалаи мундариҷа ва технологияи ташаккули салоҳияти иттилоотии донишҷӯён ҳангоми машғулиятҳои силсилаи фанҳои педагогӣ таҳқиқоти махсус гузаронида, мундариҷа ва технологияи ташаккули салоҳияти иттилооти омӯзгорониояндаро муайян кардааст, нишондодҳо ва тавсифи мундариҷаи салоҳияти иттилоотӣ, сохтор ва мазмуни малакаҳои кори донишҷӯён бо иттилооти таълимиро ошкор ва муайян намудааст.

Сохтори маҷмӯи таълимию методӣ аз рӯйи фан, бо назардошти усулу шаклҳои кор бо маводи иттилоотии таълимӣ ба мақсади

ташаккули салоҳияти иттилоотии донишҷӯёнро таҳия намуда мазмун ва технологияи ташаккули салоҳияти иттилоотиро дар раванди таҳсилоти донишҷӯёни равияҳои педагогӣ асоснок ва муайян кардааст.

Бояд зикр намуд, ки забон ва услуб баёни маводи илмӣ – таҳққотӣ бо меъёри забони адабии тоҷикӣ ҷавобгӯ мебошад. Кори таҳқиқотии мазкур аз мавқеи муҳиммият, ҷиҳати масъалагузорӣ ва баррасию баёни андеша ниҳоят бою ғанӣ, фаҳмо ва устокорона иҷро карда шудааст.

Рисолаи илмии Бобоева Гулбаҳор Шарифовна дар мавзӯи "Технологияи ташаккули салоҳияти иттилоотии донишҷӯёни макотиби олӣ зимни таълими силсилаи фанҳои педагогӣ дар шароити татбиқи низоми кредитии таҳсилот" кори мустақилона иҷрогардида буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
директори Коллеҷи омӯзгории
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ: /____________/ Даминова Арафамо Искандарова

**Суроға:**
735360, шаҳри Кӯлоб, маҳаллаи Ориёно 2.
E:mail kollejddk@mail.ru тел:+992 985681026

Имзоро тасдиқ мекунам:
Сардори шӯъбаи кадрҳои
Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи
Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ: /____________/ Каримов Далер Наимович
23.11.2021 с